# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобокалонов Сухроб Нозимович дар мавзуи “Асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Масъалае, ки унвонҷӯ мавриди таҳқиқ қарор додааст, ба талаботи замони муосир ва соҳаи маорифи кишвар ҷавобгӯ буда, аз ҷавонон ҳушёрии сиёсӣ ва маърифати баланди шаҳрвандиро талаб менамояд, онҳоро оид ба гирифтани пеши роҳи ин омили зараровар ва номатлуб ҳушдор месозад. Ҳавасмандии донишҷӯёнро барои аз худ намудани дониш, маънавиёт, рафтори шоиста афзун намуда, муносибати онҳоро нисбати ин масъала равнақ мебахшад. Аз ин мавқеъ, мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи довталаб муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферати диссертатсия собит мекунад, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда, барои асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Бобокалонов Суҳроб Нозимович дар мавзуи “Асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ”, барҳақ, дар ин самт кӯшиши саривақтӣ ва ҷолиби диққати муҳаққиқ буда, он дар доираи талаботи навтарини барасмиятдарории таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Зеро дар шароити кунунии рушди бемайлони иттилоот ва илму технология масъалаи бо бозиҳои компютерии характери агрессивидошта сару кор гирифтани ҷавонон ва онро дарк кардану мавриди истифода қарор дода тавонистан яке аз мушкилоти муҳими насли наврас ва ҷавонони муосир ба шумор меравад.

Таҳқиқоти илмии Бобокалонов Сӯҳроб Нозимович имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии характери агрессивидошта дар паст гардидани давомоти донишҷӯёни муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Унвонҷӯй зимни омӯзиш ва таҳқику озмоиш хеле дуруст ва муътамад натиҷагирӣ кардааст, ки ҷавононе, ки бештар аз бозиҳои компютерӣ сахт ва бераҳмона истифода мебаранд, дар ҷисми онҳо эҳсосоти қаҳру ғазаб бештар мушоҳида гардида, ба ҷинояту ҷиноятқорӣ бештар майл доранд.

Автореферат мухтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

Дар муқаддима муҳиммияту навоварии таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаи таҳқиқ, нуқоте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва дигар нуктаҳои асосии дар рисола баррасишуда номбар шудаанд.

Муҳаққиқи ҷавон Бобокалонов Сухроб Нозимович натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти мухталиф фаровон истифода бурдааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба субут расонида, онро мавриди арзёбӣ қарор додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа кардааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Ба назари мо, диссертатсияи Бобокалонов Сухроб кори аз ҳар ҷиҳат пухта ва анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо вучуди ин баъзе мулоҳизаҳои худамро барои беҳбудии кор пешниҳод мекунам:

1. Дар навиштани номи муҳаққиқон баъзе ғалатҳо роҳ ёфтааст.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасад.

3. Номгӯи якчанд адабиёт пурра карда нашудааст.

Эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонанд.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Бобокалонов Сухроб Нозимович дар мавзуи “Асосҳои педагогии таъсири бозиҳои компютерии хусусияти агрессивидошта ба рафтори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои романӣ-германӣ: ___________Камолова Б.Б..
02.11.2022
Маълумот барои тамос: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч.Мирзо Турсунзода, 30 Телефон (+992 372) 221-35-50; моб.: (+992) 927530255; E-mail: rtsu-1996@mail.ru

«Имзои Камолова Б.Б.-.ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон _____________Рахимов А.А.